**Тақриз**

**ба фишурдаи рисолаи доктории Нуралӣ Нуров дар мавзӯи "Поэтикаи ғазалиёти Мирзо Абдулқодири Бедил" барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ аз рӯи ихтисоси 10.01.01.- Адабиёти тоҷик**

Дар марҳилаи нави ташаккули адабиётшиносии тоҷик таваҷҷуҳ ба таҳқиқи мероси адабии суханварони гузаштаи мо, хоса ҷанбаҳои ҳунарӣ ва зебоишиносии онҳо вусъати тоза касб намуда, навтарин равишҳои шинохт ва маърифати адабиёт рӯи кор омаданд. Ҳарчанд дар замони Шӯравӣ таҳқиқу баррасии вежагиҳои мухталифи ашъори Мирзо Абдулқодири Бедил дар сатҳи зарурӣ қарор надошт, вале бо ин ҳама корномаҳои бедилпажӯҳии устод Айнӣ, на танҳо дар кишвари Тоҷикистон, балки берун аз он, махсусан дар ҳавзаи мамлакатҳои форсизабон мавриди эътироф қарор гирифта, диду назари эшон ба шоистагӣ истиқбол пазируфт. Баъдан, роҳи устод Айниро муҳаққиқони дигари тоҷик Расуд Ҳодизода, Субҳон Амирқулов, Шавкат Шукуров ва дигарон идома доданд. Ҳамин гуна, дар давраи нави ташаккули адабиётшиносӣ дар аксари ҳавзаҳои илмии кишварҳои форсизабон ва ҳатто берун аз он мурур ба ҷанбаҳои мавзуиву ҳунарии ашъори Бедил вусъати тоза касб намуд, ки маҳсули он рӯи кор омадани чандин рисолаҳои ҷудогонаи илмӣ дар кишварҳои Осиёи Марказӣ бо забонҳои тоҷикиву русӣ ва ӯзбекӣ ба шумор меравад. Яке аз чунин расоил таҳқиқоти анҷомдодаи дотсенти кафедраи адабиёти классикии тоҷики ДДХ ба номи академик Бобоҷон Ғафуров Нуралӣ Нуров

мебошад, ки ба баррасии масоили марбут ба поэтикаи ғазалиёти Бедил ихтисос ёфтааст. Аз мутолеаи фишурдаи рисола ҳувайдост, ки унвонҷӯ солҳои тулонӣ дар ин замина таҳқиқот бурда, бар асоси ба кор гирифтани дидгоҳҳои муаллифони тазкираҳои дар замони зиндагонии Бедил ва баъдан ба қалам омада, инчунин таҳқиқоти то кунун роҷеъ ба осори Бедил дар ҳавзаҳои мухталифи адабиётшиносӣ анҷомёфта ба таври умум мақом ва ҷойгоҳи шоирро дар таҳаввули жанри ғазал дар адабиёти тоҷик мушаххас намудааст. Аз таҳлилу баррасии дараҷаи омӯхта шудани мавзуъ дар муқаддимаи рисола маълум мегардад, ки муаллифи рисола аз доираи васеи таҳқиқоти анҷомёфта дар заминаи бедилшиносӣ дар мамолики гуногуни олам огаҳӣ дорад ва ҳамин дастрасӣ ба маҷмуи корномаҳои бедилшиносӣ ба ӯ имконият додааст, ки ҳадафҳои аслии тадқиқоти хешро мушаххас ва дақиқ намуда, тозагиҳои натиҷаҳои пажӯҳиши хешро ба таври барҷаста нишон диҳанд.

Нуктаи қобили таъкид он аст, ки дар ҷараёни таълифи рисола равишҳои мухталифи шинохти осори бадеии маъруф дар адабиётшиносии ватаниву хориҷӣ ба кор гирифта шудааст. Ин шеваи баррасӣ ба муаллиф имконият додааст, ки бе истифода аз усули омезиши равишҳои таҳқиқи шарқиву ғарбӣ ва русуву аврупоӣ ба натиҷаҳои матлуби илмӣ дар шинохти арзишҳои адабиву ҳунарии каломи Бедил даст ёбад.

Тарҳи куллии рисола, бандубасти матолиб, ки аз нақшаи таълифи он ҳувайдост, низ аз тозагиҳои муайяне бархурдор аст. Муаллиф кӯшидааст, ки аз такрори матолиби баррасишуда дар таълифоти дигар дурӣ ҷуста, бештар матолиби меҳварии рисоларо

ба риштаи таҳқиқ кашад. Аз ин рӯ, бо назардошти анҷоми корҳои зиёде дар адабиётшиносии ватаниву хориҷӣ роҷеъ ба шарҳи ҳол ва мероси адабии Бедил унвоҷӯ аз чунин баҳсу баррасиҳо фурӯгузорӣ намуда, асосан матлабҳои заруриро пайгирӣ кардааст. Вобаста ба ин, ҳарчанд нақш ва мақоми Бедил дар густариши анвоъи дигари осори манзум ва мансур шоистаи таъкид аст, аммо бо ҳадафи муназзам сурат гирифтани андешаҳои илмии хеш унвонҷӯ маҷмуи мулоҳизоти хешро дар бораи ибтикороти шоир дар таҳаввули ҳунариву мавзуии ғазал баён доштааст. Аммо аз феҳристи мақолоти худи муаллиф,  ки дар поёни фишурда оварда шудааст, маълум мегардад, ки ӯ роҷеъ ба дигар корномаҳои Бедил дар таҳаввули дигар анвоъи шеърӣ, аз ҷумла қасида, нусхаҳои хаттии шарҳҳои Девони Бедил ва амсоли ин низ матолибе ба қалам овардааст, ки ин нукта ба доираи васеи баррасиҳои илмии унвонҷӯ таъкид меварзанд.

Дар умум, рисолаи доктории Нуралӣ Нуров дар мавзӯи "Поэтикаи ғазалиёти Мирзо Абдулқодири Бедил" як таҳқиқоти тоза дар адабиётшиносии тоҷик ба шумор оварда, аз муҳассанот ва тозагиҳои зиёде бархурдор аст. Дар баробари ин, метавон қайд намуд,  ки он бо сабки илмӣ ва истифодаи сарчашмаву осори фаровони таҳқиқоти ба қалам омадааст.  Бо таълифи ин рисола гуфтан мумкин аст, ки қадаме фаротар дар бедилшиносии тоҷик гузошта шудааст, ки ин арзиш ва аҳамияти илмии рисола низ қобили таъкид мебошад. Ба хотири боз ҳам тақвияти ёфтани корҳои илмии муаллиф дар оянда мехоҳам чанд нуктаро ба унвони пешниҳод таъкид намоям:

1. Солҳои охир дар кишвари Ӯзбекистон низ корҳои зиёде дар арсаи Бедилшиносӣ ба анҷом расиданд. Аммо аз фишурдаи рисола маълум нашуд, ки то чӣ андоза муаллиф аз матолиби онҳо истифода намудааст. Шояд дар худи рисола ин мавзӯъ пайгирӣ шуда бошад. Хуб мебуд, ки муаллиф диду назари хешро дар бораи ҳусну қубҳи ин таҳқиқоти анҷомёфта дар бахши дараҷаи омӯхта шудани мавзуъ баён медошт.

2. Аз фишурдаи рисола маълум мегардад, ки зимни баррасии истифодаи воситаҳои тасвири бадеӣ унвонҷӯ асосан ба ду санъати бадеӣ- киноя ва муаммо таваҷҷуҳ намудааст. Хуб мебуд, ки роҷеъ ба дигар саноеи бадеӣ низ ба таври куллӣ назари хешро баён медошт.

Албатта, ин мулоҳизаҳо пешниҳоди инҷониб ҳастанд ва ҳаргиз онҳо илмии рисоларо коҳиш намедиҳанд. Фишурдаи рисола ба таври куллӣ бозгуи он аст, ки рисолаи доктории Нуралӣ Нуров кори анҷомёфта ба ҳисоб рафта, муаллифи он шоист аи дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ аз рӯи ихтисоси 10.01.01.- Адабиёти тоҷик мебошад. Фишурда ва мақолаҳое, ки феҳристи он дар поёни фишурда зикр шудаанд, муҳтавои рисоларо ифода мекунанд.

**Муқарриз,** **Доктори илмҳои филологӣ,**
**профессори Донишгоҳи**
**давлатии Самарқанд Садрӣ Саъдиев**

С Саъдиев ning imzosini tasdiqlayman
SamDU kadrlar bo'limi boshlig'i

O'ZBEKISTON RESPUBLIKASI OLIY VA O'RTA MAXSUS TA'LIM VAZIRLIGI SAMARQAND DAVLAT UNIVERSITETI